# Шарҳи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 4 Июл, 2025 - 15:06
[1]

Рӯзи 4-уми июли соли 2025 дар толори Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки намояндаи Кумитаи дин, танзими ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои филология Хоҷамирзода Муслиҳиддин

семинари омӯзиши дар мавзуи «Шарҳи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» баргузор гардид. Дар он масъалаҳои марбут ба Қонуни мазкур мавриди муҳокима ва шарҳу тавзеҳ қарор дода шуд.

Дар семинар роҳбарият, кормандони Кумита ва кормандони Муассисаи давлатии «Маркази миллии тарҷума» иштирок намуданд. Раиси Кумита С. Раҳматуллозода семинарро ифтитоҳ карда, ҳозиринро хайрамақдам гуфта, қайд намуданд, ки имсол ба кабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» 18-сол пур шуд ва гузашти замон собит намуд, ки қабули ин санади миллӣ бо ташаббусу ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи эҳёи фикрию фарҳангӣ ва иҷтимоию иқтисодию сиёсии миллат ва мамлакати мо қабул шуд. Зеро ин Қонун боиси ҳалли бисёр мушкилоти ҳаётан муҳимми аҳли ҷомеа гардида, ҷашну маъракаҳо ва маросиму оинҳоро дар кишвар ба низом даровард, дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии мардуми Тоҷикистон дигаргунӣ ва таҳаввулоти куллӣ ба вуҷуд оварда, яке аз Қонунҳои ҳаётан муҳимми мо мебошад.

Баъд аз гузориши М. Хоҷамирзода баҳсу мунозира ва совалу ҷавобҳо сурат гирифта, ҳозирин иттилоъоти зарурии худро дарёфт карданд.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** 5

Баҳои миёна: 5 (2 овоз)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [2]

-

-

-

-

**Манбаъ::**http://istilohot.tj/tg/content/sharkhi-konuni-chumkhurii-tochikiston-dar-borai-tanzimi-chashnu-marosim-dar-chumkhurii?page=25

**Пайвандҳо**
[1] http://istilohot.tj/sites/default/files/field/image/515635391_1221627536604623966_6041717941783738881_n.jpg [2] http://istilohot.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [3] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/514319947_122162753396462396_4073038861966250876_n.jpg [4] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/515283217_122162753612462396_6463564570364323523_n.jpg [5] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/515296573_122162753708462396_6692107756220649927_n.jpg [6] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/515516295_122162753324462396_3594929757581545965_n.jpg [7] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/515635391_122162753660462396_6041717941783738881_n.jpg [8] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/515673983_122162753564462396_8430648800741453365_n.jpg
[9] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/515899283_122162753510462396_3814829109556084868_n.jpg